Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

4 ноябри соли 2023
Шанбе
№ 88 (14995)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ДАР ҲАМОИШИ СОЗМОНИ КИШВАРҲОИ ТУРКӢ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ ПЕШ ГУЗОШТА ШУДАНД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев дар рафти сафари корӣ дар шаҳри Остона дар ҷамъомади навбатии Шӯрои сарони давлатҳои Созмони кишварҳои туркӣ иштирок кард.**






Дар чорабинӣ, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев баргузор шуд, ҳамчунин Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, Сарвазири Венгрия Виктор Орбан, Пешвои миллии мардуми туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов, инчунин Котиби генералии СКТ Кубаничбек Омуралиев иштирок карданд.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа оид ба вазъ ва дурнамои муносибатҳои гуногунҷанба дар чаҳорчӯби СКТ табодули афкор сурат гирифта, масъалаҳои кунунии ҳамкориҳои амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Президенти Ўзбекистон дар суханронии худ таъкид кард, ки дар замони имрӯзи босуръат тағйирёбанда садои халқҳои туркзабон, ки бо забону мазҳаб ва арзишҳои маънавӣ бо ҳам пайвастаанд, боз ҳам баландтару пурқувваттар дар саросари ҷаҳон садо медиҳад. Созмон дар тартиботи нави ҷаҳонӣ ва системаи институтҳои байналмилалие, ки имрӯз ба вуҷуд меоянд, мавқеи торафт муҳимро ишғол мекунад.

Ҳамзамон, сарвари давлат ба пайдо шудани мушкилоти нав дар таъмини амнияти ҷаҳонӣ, афзудани ҳолатҳои дуршавӣ аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ишора кард.

Ба муносибати тезу тунд шудани низои Фаластину Исроил, ки муддати дароз идома дорад, ташвиши махсус баён карда шуд. Дар натиҷаи задухӯрдҳои мусаллаҳона шумораи куштаю ярадоршудагон дар байни аҳолии осоишта, хусусан пиронсолон, занон ва бачагон хеле зиёд шуда, хавфи вусъати ҳамаҷонибаи ҷанг пурзӯр мегардад.

Ба ин муносибат, раҳбари Ўзбекистон ҷонибҳои даргирро ба оташбаси фаврӣ ва амалиёти низомӣ, омадан ба созиш ба мақсадҳои башардӯстона даъват кард. Мавқеи қатъии Ўзбекистон дар бораи зарурияти мувофиқи резолютсияҳои СММ дар асоси тамоюли «ду давлат барои ду халқ» ҳал кардани мушкилоти Фаластину Исроил эълон шуд.

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҶАМЪОМАДИ ШӮРОИ САРОНИ ДАВЛАТҲОИ СОЗМОНИ КИШВАРҲОИ ТУРКӢ

*Муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич!*

*Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*

*Ман аз он ки боз бо шумо мулоқот дорам, бағоят хурсандам.*

*Ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев барои дар сатҳи баланд созмон додани ҳамоиши кунунӣ миннатдории амиқ изҳор менамоям.*

*Мехостам суханронии худро бо даъвати гузаштаи бузурги мо – яке аз асосгузорони давлати қадимии туркӣ Билга Хоқон оғоз намоям, ки фармудааст:* ***«Бедор шав, халқи турки ман, худро шинос, то боз сарбаланд бошӣ!»***

*Дар замони зудтағйирёбандаи кунунӣ, ки Созмони давлатҳои туркӣ фаъолияти худро торафт такмил медиҳад, бешубҳа, ин суханони даъватӣ маънои махсусу амиқ касб менамоянд. Овози халқҳои бародари мо, ки бо забон, дин ва ҳувиятҳои маънавӣ пайванди ногусастанӣ доранд, алҳол дар тамоми ҷаҳон баландтару пурқувваттар садо медиҳад.*

*Аз имконият истифода бурда, халқи бародари Қазоқистонро, ки ба наздикӣ ҷашни миллии худ – Рӯзи ҷумҳуриро васеъ таҷлил кард, аз таҳти дил муборакбод менамоям.*

*Ҳамчунин Президенти Туркия, бародари худ, Волоҳазрат Реҷеп Таййип Эрдоған ва тамоми халқи туркро бо санаи хотирмон – Садумин солгарди эълон шудани Ҷумҳурӣ самимона табрик мекунам.*

*Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!*

*Тавре ки шумо хуб медонед, халқи бародари Озарбойҷон дар олами турк мақоми сазовор дорад, соҳиби эҳтиром ва нуфузи воло мебошад. Тӯли солҳои охир халқи озар таҳти роҳбарии дӯсти азизи ман Илҳом Ҳайдарович ба комёбиҳои беқиёс муваффақ мегардад.*

*Адолати таърихӣ тантана кард, бобати ба қисми ҷудонопазири мамлакат – ба ҳудуди созандагӣ табдил додани Қаробоғ натиҷаҳои бузург ба даст меоянд.*

*Моҳи август ман аз шаҳрҳои Шуша ва Фузулӣ боздид ба амал оварда, шоҳиди корҳои васеъмиқёси дигаргунсозӣ, бунёди инфрасохтори замонавӣ, барқароршавии иншооти харобгардидаи мероси фарҳангӣ гардидам.*

*Бори дигар халқи Озарбойҷонро бо ғалабаи бузург – истиқрори пурраи якпорчагии ҳудуди мамлакат самимона табрик менамоям.*

*Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!*

*Созмони давлатҳои туркӣ дар ҷаҳони нави алҳол ташаккулёфтаистода ва низоми идораҳои байналхалқӣ мақоми махсус дорад. Ҳудуди Созмони мо, ки соҳиби 160 миллион аҳолӣ мебошад, минтақаест, ки дорои имкониятҳои азими иқтисодӣ аст.*

*Мехоҳам бо қаноатмандии бузург таъкид намоям, ки мамлакати мо бо тамоми аъзои Созмон шарикии стратегиро ба роҳ мондааст.*

*Ҳуҷҷатҳои дар ҳамоиши Самарқанд баимзорасида, ки соли гузашта таҳти шиори* ***«Даврони нави тамаддуни туркӣ: дар роҳи пешрафт ва шукуфоии умумӣ»*** *баргузор шуд, мустақимона татбиқ мегарданд.*

*Дар давраи раисии Ўзбекистон беш аз сад чорабинии гуногун гузаштанд, ташаббусҳои муҳим пеш гузошта шуданд.*

*Дар пояи* ***барномаи асосии «Назари туркӣ – 2040»*** *механизмҳои нави самарабахштари ҳамкориҳои амалӣ ба роҳ монда шуданд. Аз ҷумла, сохторҳои нав, ҳамчун Созмони иттифоқҳои касабаи давлатҳои туркӣ, Академияи тадқиқоти кайҳонӣ, Шӯрои ҷуғрофӣ, Идораи пешгирии хушксоӣ, Иттиҳоди нотариусҳо кори худро оғоз карданд.*

*Бо як қатор сохторҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ – Созмони Милали Муттаҳид ва идораҳои махсуси он, Созмони ҳамкории исломӣ, Машварат оид ба ҳамкории тарафайн ва чораҳои эътимод дар Осиё, Созмони ҳамкории иқтисодӣ робитаҳои қарини шарикӣ устувор гардиданд.*

*Бо вуҷуди тезутунд шудани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ, ба шарофати кори мунтазаме, ки мо татбиқ менамоем, рушди устувори ҳаҷми савдои тарафайн мушоҳида мегардад.*

*Бори дигар ба тамоми давлатҳо ва Котибияти Созмон, ки дар давраи раисии Ўзбекистон фаъолона кумак расониданд, миннатдории худро изҳор менамоям.*

*Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*

*Мо шоҳиди дар миқёси ҷаҳонӣ торафт шадидтар гардидани буҳрони эътимод мешавем. Бобати таъмин сохтани амнияти ҷаҳонӣ мушкилоти нав ба миён меоянд, мо сартобӣ аз меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқиро бештар мушоҳида мекунем.*

*Ҷиҳати бағоят хавфнок дар Шарқи Наздик зиддияти фаластиниву исроилӣ тӯли даврони дуру дароз барои ҳамаи мо ба хусус боиси ташвиши ҷиддӣ мегардад. Дар натиҷаи тасодумҳои ярокнок миқдори фавтидагон ва ҷароҳатбардоштагон дар байни аҳолии осуда, махсусан куҳансолон, занон ва кӯдакон зиёд мегардад, таҳдиди васеъ паҳн шудани зиддият пурзӯртар мешавад.*

*Вобаста ба ин мо аз ҷонибҳо даъват менамоем, ки ҳаракатҳои ҳарбиро зуд боздоранд ва оташбас кунанд, ба мақсадҳои инсонпарварӣ ба сулҳу салоҳ оянд.*

*Ҳаллу фасли ягона ва адолатноктарини ин мушкилот бояд дар пояи раванди* ***«ду давлат барои ду халқ»*** *қабул карда шавад.*

*Тавре ки дар қарордоди Созмони Милали Муттаҳид мушаххас шудааст, халқи Фаластин барои бунёди давлати мустақил ҳуқуқ дорад. Дар доираи Созмони худ мо бояд ба тамоми ҷаҳон мавқеи ягонаву қатъии хешро бинобар ин масъала изҳор кунем.*

*Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!*

*Дар анҷумани ҳолоина, ки таҳти унвони* ***«Даврони туркӣ»*** *мегузарад, мехоҳам таклифҳои зеринро пешниҳод созам, ки ба вусъати минбаъдаи робитаҳои бисёрҷанбаву дарозмуҳлати мо нигаронида шудаанд.*

***Якум.*** *Мақсади асосии мо ин таҳкими равандҳои эҳтироми тарафайн, эътимод ва рӯшодӣ дар доираи Созмон, самарабахшу якҷоя гузаштан аз тамоми монеаҳо мебошад.*

*Вобаста ба ин коркарди Хартияи Олами туркро, ки ягонагӣ ва ваҳдати халқҳои турк, гузаштаи бузург, тамаддуни ғанӣ ва ҳувияти воқеии онҳоро инъикос менамояд, зарур мешуморам. Пешниҳод менамоям, ки ин энсиклопедияи ба худ хосу рамзӣ бо иштироки олимони машҳур ва коршиносони соҳа тайёр карда шавад.*

***Дуюм.*** *Дар ин рӯзҳо Бунёди сармоявии туркӣ кори худро оғоз менамояд. Ба мақсади пурзӯр намудани кооператсияи саноатии байни давлатҳоямон ва татбиқ сохтани лоиҳаҳои бузурги сармоявӣ дар давраи минбаъда мо бояд корро бинобар таъсис додани Бонки рушди туркӣ фаъолтар намоем. Мо омода ҳастем, ки ин муассисаи молиявиро дар Тошканд ҷогузин кунем.*

***Сеюм.*** *Мо кори амалиро бинобар таъсис додани Маркази тадқиқи ҳамкории тиҷоратии давлатҳои туркӣ ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем. Имкониятҳои онро самарабахш истифода бурда, минбаъд мо бояд чораҳои мушаххасеро, ки ба аз байн бардоштани монеаҳои соҳаи савдо, васеъ ҷорӣ намудани механизмҳои нави беҳтар сохтани ҳаҷми содирот ва воридот, рушди платформаҳои савдои электронӣ нигаронида шудаанд, якҷо татбиқ намоем.*

***Чаҳорум.*** *Масъалаҳои инкишоф додан ва диверсификатсия кардани силсилаҳои ҷаҳонии логистикӣ, ҳамчунин гузаргоҳҳои нақлиётӣ, ташаккул додани шабакаи ягонаи транзитӣ аҳамияти рӯзмарра доранд.*

*Ба мақсади қонеъ сохтани талаботи рӯзафзун нисбати боркашонӣ мо вусъат додани иқтидори Гузаргоҳи миёнаро дастгирӣ мекунем. Ҳамчунин ҷонибдори рушди самтҳои иловагии бисёрсоҳа, аз ҷумла, долонҳое, ки аз тариқи кишварҳои мо ба бозорҳои Чин, Осиёи Ҷанубӣ ва Аврупо мегузаранд, рақамикунонии хидматҳои нақлиётӣ мебошем.*

*Пешниҳод мекунем, ки Шӯрои идораҳои роҳи оҳани давлатҳоямон таъсис дода шавад ва маъмурияти сохтори мазкур дар мамлакати мо ҷойгир гардад.*

***Панҷум.*** *Мо аз рушди ҳамкории бисёрҷанба дар соҳаи экология манфиатдор мебошем. Гузаштагони мо аз қадимулайём дар ҳамоҳангӣ бо табиат зиндагӣ кардаанд. Мутаассифона, ҳоли ҳозир муносибати истеъмолгарӣ нисбат ба он торафт пурзӯр мегардад. Аз мушкилоти мухталифе, ки бинобар тағйироти иқлим сар мезананд, тамоми инсоният ҷиддан азият мекашад. Вазъияти мазкур аз тамоми мо чораҳои бетаъхирро тақозо менамояд. Бешубҳа, дар ин роҳ таъсис додани вазорати мунтазамамалкунанда дар сатҳи Анҷумани экологии туркӣ қадами муҳим мегардад. Ин механизми муассир ба дурнамои мо бобати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти Созмон мусоидат менамояд.*

***Шашум.*** *Ғояи инкишоф додани тамаддуни туркӣ бо дастгирии ҳамаҷонибаи пешрафти технологӣ ва донишҳои пешқадам иртиботи ҷудонопазир дорад.*

*Муътақидам, ки ҷавонони дурбин, соҳибистеъдод ва тавонои мо дар оянда Эҳёи нави ҷаҳони туркиро бунёд мекунанд. Дар ин роҳ кашфиётҳои илмии гузаштагони бузургамон, мероси маънавии онҳо ҳамчун пойдевори мустаҳкам хидмат хоҳанд кард.*

*Ба маврид аст қайд кунам, ки дар кишварҳои аъзо бобати амиқ омӯхтани фаъолияти созандагӣ, мероси илмиву эҷодии гузаштагони мо ҷадидҳо, ки дар садаи гузашта зиндагӣ кардаанд, корҳои азим амалӣ мешаванд.*

*Мо иштироки фаъоли намояндагони шуморо ба конфронси байналхалқии пешбинишуда дар мавзӯи* ***«Ҷадидҳо: худшиносии миллӣ, ғояи истиқлолият ва давлатдорӣ»****, ки моҳи декабри соли равон дар кишварамон ба мақсади ба сатҳи нав бардоштани кори самти мазкур баргузор мегардад, даъват менамоем.*

*Барои дастгирӣ намудан ва рағбатнок кардани писарону духтарони ташаббускорамон, ки ба омӯхтани навгониҳо саъй доранд, дар Ўзбекистон кушодани Маркази ҷавонони соҳибистеъдоди Олами туркиро мувофиқи мақсад меҳисобам.*

*Муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо!*

*Истиқрори сулҳу салоҳ дар замини халқи сермиллати Афғонистон, ки таърих ва тақдираш тӯли ҳазорсолаҳо бо халқҳои туркӣ иртиботи ҷудонопазир дорад, шарти асосии таъмин гардидани эътидоли стратегӣ ва амният дар минтақаи мо ба шумор меравад. Вале ҳоло дар партави авҷ гирифтани зиддият ва ҷангҳо дар нуқтаҳои дигари олам ин мушкилот аз назари ҷомеаи байналхалқӣ торафт дур мемонад.*

*Даъват менамоем, механизмҳои мушаххас андешида шаванд, ки ба ҳаргиз кам нагардидани кумакҳои инсонпарварона ба халқи афғон, ҳаллу фасли мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ дар ин мамлакат нигаронида шудаанд.*

*Ба мо Афғонистони орому боэътидол, ки дар ҷараёнҳои шарикии минтақавӣ ва ҳамкории иқтисодӣ бо тамоми ҳамсояҳо фаъолона иштирок мекунад, лозим аст. Ташаббусҳои мо бобати сохтмони Роҳи оҳани наздиафғонӣ маҳз барои ин мақсадҳои нек хидмат мекунанд.*

*Ўзбекистон минбаъд низ ба халқи Афғонистон кумакҳои зарурӣ мерасонад. Мо пешниҳоди дастгирии башардӯстонаро аз тариқи хабҳои логистикӣ ва омӯзондани шаҳрвандони Афғонистон дар Маркази таълимии воқеъ дар Тирмиз фаъолона идома медиҳем.*

*Дӯстони азиз!*

*Аз имконият истифода бурда, ба Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев, ки раисиро дар Шӯрои сарони давлатҳо қабул менамояд, комёбиҳои бузург орзу мекунам.*

*Бовар дорам, ҳуҷҷат ва қарорҳои муҳиме, ки имрӯз ба имзо мерасанд, аз ҷумла, баённомаи ҳамоиш ва Ҳуҷҷати Остона дар роҳи беҳтар шудани ояндаи халқҳои туркии мо қадами муътамади навбатӣ мегарданд.*

*Бешубҳа, халқҳои бародари мо, ки дар таърихи худ санҷишҳои зиёдро паси сар карда, ҳамеша мушкилотро ҳамҷиҳатона ҳаллу фасл намудаанд, минбаъд низ қодиранд корҳои бузурги худро татбиқ намоянд.*

*Барои эътиборатон ташаккур.*

# ДАР ҲАМОИШИ СОЗМОНИ КИШВАРҲОИ ТУРКӢ ТАШАББУСҲОИ МУҲИМ ПЕШ ГУЗОШТА ШУДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Сарвари давлат аз ҷониби кишвари мо бо тамоми аъзои Созмон роҳандозӣ шудани муносибатҳои шарикии стратегӣ, татбиқи пайвастаи ҳуҷҷатҳои муҳимеро, ки соли гузашта дар нишасти Самарқанд ба имзо расида буданд, бо қаноатмандӣ қайд кард.

Бо мақсади боз ҳам густариш додани робитаҳои бисёрҷониба ва дарозмуддат байни кишварҳои узви Созмон Президенти Ӯзбекистон як қатор пешниҳоду ташаббусҳоро ба миён гузошт.

Аз ҷумла, пешниҳод карда шуд, Хартияи дунёи туркӣ таҳия карда шавад, ки ваҳдат ва муттаҳидии халқҳои туркзабон, гузаштаи бузург, фарҳанги ғанӣ ва арзишҳои азалиро инъикос мекунад.

Ба мақсади таҳкими кооператсияи саноатӣ ва татбиқи лоиҳаҳои калони муштараки сармоягузорӣ аҳамияти пурзӯр намудани корҳо оид ба бунёди Бонки рушди туркӣ бо ҷойгир намудани ин муассисаи молиявӣ ба Тошканд зикр гардид.

Президенти Ӯзбекистон корҳои амалиро оид ба ташкили Маркази тадқиқотии ҳамкории тиҷоратии давлатҳои туркӣ ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, ба зарурати истифодаи самараноки имкониятҳои он ҷиҳати бартараф кардани монеаҳои тиҷорат, васеъ ҷорӣ намудани механизмҳои нави афзоиши ҳаҷми содироту воридот, рушди платформаҳои тиҷорати электронӣ эътибор дод.

Аҳамияти рушд ва диверсификатсияи занҷирҳои ҷаҳонии логистика ва долонҳои нақлиётӣ, ташаккули шабакаи ягонаи транзитӣ таъкид гардид. Сарвари давлат дар ин замина тадбирҳоро ҷиҳати тавсеаи иқтидори долони миёна, рушди самтҳои иловагии бисёрсоҳавӣ, аз ҷумла, долонҳое, ки тавассути кишварҳои СКТ ба бозорҳои Чин, Осиёи Ҷанубӣ ва Аврупо мегузаранд, ҳамчунин рақамикунонии хадамоти нақлиётӣ дастгирӣ намуд.

Инчунин, пешниҳод карда шуд, ки Шӯрои идораҳои роҳи оҳани Созмон таъсис дода, маъмурияти сохтори мазкур ба Ӯзбекистон ҷойгир карда шавад.

Бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо дар соҳаи экология ташаббуси таъсиси Форуми экологии туркӣ ба миён гузошта шуд, ки он дар сатҳи вазирон пайваста фаъолият хоҳад кард.

Роҳбари Ӯзбекистон таъкид кард, ки ҷавонони эҷодкор, боистеъдод ва мақсаднок дар оянда Эҳёи нави ҷаҳони туркро бунёд хоҳанд кард. Барои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонписарон ва духтарони ташаббускор, ки ба ҳар як чизи нав кӯшиш мекунанд, пешниҳод шуд, ки дар Ӯзбекистон Маркази ҷавонони эҷодкори дунёи туркӣ кушода шавад.

Президенти Ӯзбекистон аҳамияти омӯзиши амиқи мероси илмию эҷодии ҷадидонро қайд намуда, намояндагони кишварҳои СКТ-ро барои иштирок дар конфронси байналмилалӣ таҳти мавзӯи «Ҷадидҳо: асолати миллӣ, ғояҳои истиқлолият ва давлатдорӣ», ки моҳи декабри соли ҷорӣ дар Ӯзбекистон барпо мегардад, даъват намуд.

Дар қисмати ниҳоии суханронӣ роҳбари Ӯзбекистон таваҷҷуҳи ҳозиринро ба вазъи мардуми сермиллат ва азияткашидаи Афғонистон, ки таъриху тақдири он дар тӯли ҳазорсолаҳо бо халқҳои туркӣ робитаи ногусастанӣ дорад, ҷалб намуд.

Раҳбари кишварамон даъват кард, ки кумакҳои башардӯстона ба мардуми Афғонистон коҳиш дода нашавад ва ҳамчунин механизмҳои мушаххасе таҳия карда шаванд, ки ба ҳалли мушкилоти шадиди иҷтимоӣ дар ин кишвар нигаронида шудаанд.

Дар ҷаласа ҳамчунин сарони ҳайатҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия, Венгрия, Туркманистон, инчунин Котиби генералии Созмон суханронӣ карданд.

Бинобар ҷамъбасти нишаст оид ба самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби СКТ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим қабул гардиданд.

Раёсат дар Созмон ба Ҷумҳурии Қазоқистон гузашт.

Мувофиқи барномаи ҷамъомади Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони кишварҳои туркӣ маросими тантанавӣ барои саҳми барҷастааш дар таҳкими ваҳдати оилаи туркӣ, таблиғи фаъолонаи манфиатҳо ва ақидаҳои кишварҳои туркзабон дар арсаи байналмилалӣ ба Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев супоридани мукофоти олӣ – «Ордени олии ҷаҳони туркӣ» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, Сарвазири Венгрия Виктор Орбан, Пешвои миллии халқи туркман, Раиси Халқ Маслаҳатии Туркманистон Гурбангулӣ Бердимуҳамедов иштирок доштанд.

Президенти Қазоқистон ҷоизаро аз номи сарони кишварҳои ин Созмон супурд.

– Ман ин ҷоизаро, пеш аз ҳама, ҳамчун рамзи дӯстиву ҳамкории наздикамон медонам, ки мо ба риштаҳои воқеии бародарӣ такя намуда, ба зинаи нав бардоштем, – бо изҳори сипос ба ҳамкорон таъкид намуд роҳбари давлатамон.

Таъкид гардид, ки вақтҳои охир нуфуз ва тавоноии ҷаҳони турк беш аз пеш афзудааст. Аз лаҳзаи дохил шудан ба СКТ дар соли 2019 Ӯзбекистон зиёда аз 50 пешниҳоду ташаббусро, ки ба таҳкими муносибатҳои дӯстӣ, ҳамсоягии нек ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи байни кишварҳои туркӣ нигаронда шудаанд, пешниҳод намуд.

Дар давраи раёсати ҷумҳурии мо дар ин Созмон беш аз 100 чорабиниҳои гуногун баргузор гардида, механизмҳои нави самарабахши ҳамкориҳои амалӣ фароҳам оварда, бо як қатор сохторҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ робитаҳои наздик ба роҳ монда шуданд.

Равобити бисёрҷанба ва мутақобилан судманди Ӯзбекистон бо ҳамаи кишварҳои узви Созмон пайваста тавсеа меёбад, шарикии стратегӣ барқарор шуданд, ҳаҷми муомилоти мол афзоиш ёфта, ҳамкорӣ вусъат меёбад.

– Орзую мақсад, омолу ният, ҷидду ҷаҳд ва ҳаракати мо ҳамоҳанганд. Халқҳои туркӣ, ки онҳоро аз қадимулайём дӯстӣ ва бародарӣ муттаҳид намудаанд, ояндаи зебои худро якҷоя, дар ризоият ва ҳамдигарфаҳмӣ бунёд хоҳанд кард, – гуфт роҳбари давлат.

Бо ҳамин сафари кории Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Қазоқистон анҷом ёфт.

**ӮзА.**

# ДАР ПЕШ – ИМТИҲОНИ ЗИМИСТОН

***Ҳоло фасли тирамоҳ ҳукмронӣ мекунад. Аллакай ҳаво каме сард шуда, пайдарпай борон меборад. Чанде нагузашта, зимистон ҳам фаро мерасад. Ҳамаи инҳо ба хуб тайёрӣ дидан барои гузаронидани фасли сарди сол – зимистонро тақозо мекунад. Бисёр ташкилоту муассисаҳои мутасаддӣ пеш аз оғози ин гуна мавсимҳо тайёрии пухта диданашонро ба забон оварда, ваъдаҳои калон медиҳанд. Вале баъде, ки зимистон фаро расиду сардиҳои он кори истеҳсолот ва зиндагонии бомароми мардумро халалдор гардонд, ваъдаҳои бардурӯғу пучи онҳо бараъло намоён мешавад. Ин хел камбудиҳо дар зимистони ғайриодии қаҳратуни соли гузашта маълум гардид.***

Бо мақсади пешигирии ин гуна ҳодисаҳои нохуш дар тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 корхонаи таъминоти энергияи электрикии ноҳияи Иштихони вилояти Самарқанд тайёрии хуб мебинанд. Дар худи корхона чор трансформатор ва таҷҳизоти дигари заруриро, ки ҳангоми садама ва ё қатъ гаштани қувваи барқ заруранд, захира кардаанд. Чунин захираҳо дар чор участкаи дигари корхона ҳам ташкил карда шудаанд. Барои сари вақт бартараф кардани ҳодисаҳои қатъшавии барқ 5 бригадаи хидматрасонӣ амал мекунад. Онҳо бо нақлиёт, ходимону мутахассисон ва асбобу анҷомҳои зарурӣ таъмин карда шудаанд. Баъди ба маркази диспетчерии корхона расидани хабари садама ё қатъи қувваи барқ таъмиргарон зуд ба ҷойи воқеа ҳозир шуда, дар муддати аз як то се соат камбудиро бартараф ва таъмини қувваи барқро барқарор мегардонанд. Натиҷаи тайёрии хуб ва чунин корбарӣ буд, ки порсол дар миқёси вилоят садамаҳои барқӣ ва шикояти мардум дар фасли зимистон аз хидматрасонии корхонаи таъмини барқӣ ноҳияи Иштихон аз ҳама камтар буд.

Масоҳати ноҳия 0,72 ҳазор километри мураббаъро ташкил мекунад. Ҳоло дар ноҳия 238,4 ҳазор кас умр ба сар мебаранд. Барои бо қувваи электр таъмин кардани онҳо ҳоло чор нимстансия мавҷуд мебошад. Дар нимстансияи «Ишонч»-и маркази ноҳия ба ҷойи трансформатори 25000 киловатта трансформатори 40 ҳазор киловаттӣ монда шуд. Бо мақсади тайёрӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 дар ин нимстансия, инчунин пайвасту қатъкунандаи равғании 10 киловаттаи KRUN насб карда шуд.

– Ҷамъи истеъмолгарони қувваи барқ 54479 адад мебошанд, – мегӯяд роҳбари корхонаи таъминоти барқи ноҳия Умаралӣ Ҷӯраев. – Аз инҳо 52678-тоашон истеъмолчиёни инфиродӣ мебошанд. Истеъмолчиёни объектҳои ҳуқуқӣ 1801 ададро ташкил мекунанд. Дар ҳудуди ноҳия ҷамъ 49768 ҳисобкунакҳои барқии ASKUE гузошта шуда бошад, 47968-донааш дар хонадони одамон аст. Мо барои зимистонгузаронӣ пешакӣ ба нақша гирифта будем, ки 79 пункти трансформаторӣ ва 149 километр сохтори нақли қувваи барқро мукаммал аз таъмир мебарорем. То имрӯз тамоми ин корҳо ба ҷо оварда шудаанд. Боз ба таври иловагӣ таъмири 6 пункти трансоформаторӣ ва 12 километр хатти нақли барқро дар нақша дорем. Баробари ин корҳо ивазкунии симчӯбҳои пешина бо сутунҳои бетонии симҳо идома меёбанд.

Аҳолӣ торафт зиёд мегардад. Дар натиҷаи ин дар ноҳия маҳаллаҳои нав ташкил мешаванд. Корхонаҳо нав низ ба кор медароянд ва талабот ба қувваи барқ рӯз ба рӯз меафзояд. Масалан, соли 2020 ҷамъи истеъмолгарони барқи ноҳия беш аз 22 ҳазор ададро ташкил карда бошад, ҳоло аз 52 ҳазор адад зиёдтар аст. Миқдори ташкилотҳои ҳуқуқӣ аз 600 ба 1801 расидааст.

Маҳаллаи Чиғатой имсол ба барномаҳои «Хонадони обод», «Кӯчаи обод» ва «Маҳаллаи обод» дохил шудааст. Ҳоло дар маҳалла корҳои сохтмону ободонӣ бо суръат давом дорад. Баробари асфалткунии кӯчаҳои маҳалла кормандон дар симчӯбҳо ба насби чароғҳои барқии шабона машғуланд. Дар охиртари як кӯчаи маҳалла бо кори бетонсутуншинонии кормандони корхонаи таъминоти барқи ноҳия дучор шудем. Дар ин ҷо бо пармаи трактор аввал ба қадри ду метр чуқурӣ кофта, баъд бо ёрии трактор бетони симкаширо рост карданд. Сипас, гирди онро шибба намуданд. Ин корҳоро тракторчӣ Ҳасан Намозов, ходимони корхонаи барқ Қобилҷон Ҷамолов ва Шавкат Сафаров ба ҷо меоварданд. Кори онҳоро инженери корхона Азим Равшанов назорат мекард.

– Дарозии сутунбетони симкашӣ 9-9,5 метр аст, – гуфт ҳангоми суҳбат Азим Равшанов. – Аз рӯйи қоида бояд 2 метри он дар даруни замин монад. Мо ҳар рӯз 18-20 сутуни бетонӣ мешинонем. Баъд ба воситаи онҳо ба ҳар як хонадон симҳои муҳофизақдори SIP кашида мешаванд. Дар маҳаллаи Чиғатой мо 300 симчӯбро иваз карда, ба масофаи 4,5 километр сими SIP кашидем. Дар ин ҷо боз 3 трансформатор оварда шудааст, ки рӯзҳои наздик онҳоро ҳам мешинонем.

Аҳамияти сими изолятсиядор дар он аст, ки мардум мисли пештара ду сими худро ба сими болои бомашон партофта, аз барқи дуздӣ барои кор фармудани осиё ё ягон аппарати дигари худ истифода бурда наметавонанд. Бо воситаи ин гуна симҳо беҳуда талафёбии қувваи барқ ҳам кам мешавад.

– Қувваи барқии мо мисли солҳои пештаро ҳозир зуд-зуд қатъ намегардад, – мегӯяд сокини ҳамин маҳалла Шоиста Ҳаққулова. – Акнун шабона кӯчаҳои қишлоқамон ҳам нуристон мешавад. Агар масъалаи оби нӯшокӣ ҳам ҳал мегардид, кори хуб мешуд...

Ҳангоми суҳбат бо ҳокими ноҳия Фазлиддин Рӯзиев аён гардид, ки тайёрии ҳаматарафа ба хушу гуворо гузаронидани фаслҳои тирамоҳу зимистон кафолат медиҳад. Аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 2000 дона сутуни бетонӣ гирифта шуд. Трансформаторҳои кӯҳнаро баробари таъмир кардан боз 27 трансформатори нав харидаанд. Ҳама медонад, ки дар фасли сармо талабот ба қувваи барқ меафзояд. Бинобар ҳамин, бо дастгирии ҳокимияти ноҳия мардум барои зимистон 5000 тонна ангиштсанг гирифтаанд. Ин имкон медиҳад, ки онҳо аз қувваи барқ барои гармкунии хонаҳо камтар истифода баранд. Маҳаллаи Чиғатой, ки муаммоҳои зиёд дошт, ба туфайли ба Барномаи «Маҳаллаи обод» дохил гардиданаш вазъи зиндагонии мардумаш минбаъд беҳтар мегардад. Боз ҳамин хел маҳаллаи Қиёт мавҷуд аст, ки дар оянда ба ҳалли мушкилоти он ҳаракат мекунанд.

**Б.ҶУМЪАЕВ,**

*вилояти САМАРҚАНД.*

## ХАБАРҲО

### МЕМОРАНДУМИ СТРАТЕГӢ БА ИМЗО РАСИД

***Назар ба хабари хидмати матбуоти Вазорати энергетика, бобати ҳамкорӣ дар соҳаи маҷмӯи энергетикӣ байни ҳукумати Ӯзбекистон ва ширкати «Газпром»-и Русия меморандуми стратегӣ имзо карда шуд.***

Ҳарду ҷониб дар соҳаи таъминоти газ ва кашондани он, ҳамчунин, дар самтҳои ҷустуҷӯи геологии карбогидридҳо ва кофтани конҳо ҳамкориро ривоҷ доданианд.

Меморандум дар доираи форуми байналхалқии газ, ки дар Санкт-Петербург рӯйи кор омад, ба имзо расид. Масъалаҳо вобаста ба тавассути ҳудуди Қазоқистон ба Ӯзбекистон оварда шудани гази Русияро вазири энергетикаи Ӯзбекистон Ҷӯрабек Мирзомаҳмудов ва раиси идоракунии «Газпром» Алексей Миллер муҳокима карданд.

### ДАР САФИ БОНКҲОИ ПЕШБАРИ ДУНЁ

***Назар ба маълумоти Агентии статистика аз моҳи августи соли равон Ӯзбекистон ба хориҷ фурӯхтани тиллоро боздошт.***

Вале Бонки марказии Ӯзбекистон дар хариди тилло ё худ металлҳои қиматашон баланд дар сафи бонкҳои пешбари дунё ҷой гирифтааст. Чунончи, дар давоми чаҳоряки сеюми соли равон ин бонк ҷамъ 7 тонна металли гаронбаҳо харид кардааст.

Бо баробари Ӯзбекистон дар сафи мамолике, ки захираи тиллои худро афзун мегардонанд, Чин, Полша, Туркия, Ҳиндустон, Чехия, Сингапур ва Русия ҷой гирифтаанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Вақте ки автобус аз роҳи калон ба тарафи чап тоб хӯрд, пеши назар деҳае падид омад, ки дар оғӯши дараи хушбоду ҳавои кӯҳистон воқеъ гаштааст ва номи он аллакай дар сархати нашрияҳои зиёди кишвар ва берун аз он ҷой гирифтааст. Ин деҳа Синтаб ё Синтоб ном дошта, дар доираи чорабиниҳои Маҷмаъи умумии Созмони ҷаҳонии сайёҳии СММ ғолиби лоиҳаи «Беҳтарин деҳаи сайёҳӣ» эътироф гардидааст.***

# СИНТОБ АҶАБ ДЕҲАИ ХУШРАНГУ НАМОЙ




Журналистони расонаҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ дар ин деҳа тайи ду рӯз сафар анҷом доданд, ки Кумитаи сайёҳии Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилояти Навоӣ ташкил кардааст. Ёдовар мешавем, ки Синтаб 17 марти соли равон расман ба мақоми деҳаи туризм ноил шудааст.

Ин деҳа дар масофаи 120 километр дуртар аз маркази ноҳияи Нурато, бо табиати афсункор, ҳавои тоза, чашмаҳои зулол, таомҳои болаззати миллӣ ва зиндагии тарзи хоси мардуми он таваҷҷуҳи сайёҳонро аз соири мамолики олам, мисли Инглистон, Фаронса, Австрия, Олмон, Италия, Русия ҷалб намудааст.

Агар ба гузаштаи он назар андозем, мебинем, ки деҳа аз мероси бойи фарҳангӣ ва таърихӣ бархурдор мебошад. Боқимондаҳои қалъаҳо ва хонаҳои истиқоматии сангии қадима, ки то аввалҳои қарни гузашта маъвои зиндагии аҳолӣ будааст, инчунин беш аз 40 ғор, оромгоҳҳои Хоҷа Муҳаммади Порсо, Хоҷа Муҳаммади Саврато, Ширинато, кӯли Фозилмон дар баландии 1 ҳазору 650 метр аз сатҳи баҳр, ки ба забони мардумӣ «Кӯли оина» низ номида мешавад, Чашмаи Акко, маъбади буддоӣ, мероси фарҳангии Синтабтеппа, петроглифҳои дорои графикаи арабӣ ва расмҳои қадимии сангӣ, шаршара аз ҷумлаи ҳамон мерос маҳсуб меёбанд.

Вақте ба яке аз меҳмонхонаҳои оилавии соҳибкори маҳаллӣ Шодибой Бобоев даромадем, маълум шуд, ки бештар аз даҳ солро барои сохтани ин иморати бошукӯҳ сарф намудааст ва дар ихтиёри сайёҳон гузоштааст. Дарҳақиқат, меҳмонхонаи зебову шинам аз ду ошёна иборат буд ва деворҳои он аз сар то по бо санги кӯҳ сохта шудааст. Ҳарчанд қисмати беруни он бидуни гилкориву андова мондааст, аммо хеле назаррабо мебошад. Дохили бино бо ҷиҳози лозима муҷаҳҳаз гардидааст.

– Ману ҳамсарам Раҳимахон аз чунин дастовард хеле шоду рӯҳбаланд шудем. Зеро меҳнати мо дар ин самт самараи нек ба бор овард ва дар байни панҷ номзад деҳаҳои ҷумҳурӣ маҳз Синтаб ба ин мақоми олӣ сазовор диниста шуд. Мо талош ба харҷ медиҳем, ки сифати хидматрасониро ба дараҷаи баланд бардорем ва ҳар як сайёҳ аз деҳаи мо бо табъи болида баргардад.

**– Ин дастгоҳи барқи офтобӣ аст, ки насб кардаед?**

– Бале. То деҳаи мо хати барқи пуршиддат кашида шудааст ва мардум аз қувваи он фаровон истифода мекунанд. Аммо баъзан бо вазидани боду шамоли сахт барои чанд муддат барқ хомӯш мешавад. Бо назардошти ҳамин ҳолату вазъият ин дастгоҳ барқи моро ҳамеша фурӯзон нигаҳ медорад. Ҳар як ташноби меҳмонхона низ шабу рӯз бо оби гарм таъмин аст. Дар ҳар утоқи дунафариву се нафарӣ телевизор гузошта шудааст, ки ба шабакаи интернет васл мебошад. Дар саҳни ҳавлиамон меҳмонҳо метавонанд рӯйи катҳо нишаста, орому осуда истироҳат кунанд ва китоб хонанд. Ин дарахтони сершоху барг дар фасли гармо низ намегузорад, ки онҳо аз гармии нури офтоб нороҳат шаванд. Ҳамеша насим аз чаҳор тараф ба сӯяшон вазида меистад ва ба роҳати онҳо роҳат меафзояд.

**– Оё дар фасли зимистон сайёҳонро мепазиред?**

– Ҳавои ин ҷо дар фасли сармо нисбат ба минтақаҳои ҳамвор сард мешавад ва барфи баланд меборад. Барои ҳамин имконияти қабули сайёҳон имконнопазир аст. Сайёҳони хориҷӣ бештар шурӯъ аз моҳи март то ахири моҳи ноябр меҳмони мо мешаванд.

**– Саҳми ҳамсари худро дар ташкилу пешрафти корҳои меҳмондорӣ чӣ гуна тавсиф мекунед?**

– Аз пазироии меҳмонон, меҳмондорӣ, пухтани хӯрокҳои болаззати миллӣ ва иҷрои дархостҳо, дуруст кардани рахти хоб, бархурди самимиву меҳрубонии ба занҳо хос дар ҳамсари ман таҷассум ёфтаанд, ки аз ин хеле ифтихор мекунам. Ба вай дар анҷоми ҳамаи кор аъзои хонаводаам кумак мерасонанд.

**– Сайёҳони хориҷӣ аз куҷо медонанд, ки соҳибкори синтабӣ Дилмурод Зарифуллоев чунин як меҳмонсарои хубу замонавӣ бунёд кардааст ва онҳо метавонанд вақташонро хушу гуворо гузаронанд?**

– Мо аз туроператорҳо сипосгузорем. Кормандони он тавсия мекунанд. Гузашта аз ин, аллакай чанд сол муқаддам деҳа ҷиҳати қабули сайёҳон дар ин минтақа ном баровардааст ва ҳамин боис мегардад, ки аз кишварҳои хориҷӣ сайёҳон рост ба деҳаи мо биёянд. Тамошои боғу роғ, манзараҳои ҷолибу ҷаззоб, хӯрокҳои лазиз, муоширату муносибати хуб ва амсоли он ба ҷалбу ҷазби теъдоди сайёҳон мусоидат менамояд.

Ба гуфтаи ин ҳамсуҳбати мо сангҳои кӯҳро, ки зимни пора кардан мисли санги мармари сиёҳ шаффоф аст, то роҳи калон тавассути мошин интиқол медиҳанд. Ба хотири он ки пули болои рӯдхонаи Синтаб барои убури мошини боркашону вазнин мувофиқ нест, ин сангҳоро ба харҳо бор карда, ба ин тарафи соҳил мегузаронанд.

Тибқи барномаи сафари матбуотӣ ба тамошои мӯъҷизаи дигар – Чашмаи Акко омадем. Оби шаффофи он, ки аз бағали теппаи шафати рӯд фаввора зада мебаромад, ҳарорати мӯътадил дошт ва басо хуштаъм буд. Оби ин чашмаро назоракунон байтҳои шоири шаҳири тоҷик Мӯъмин Қаноат ба ёдамон расид:

*Бароӣ субҳдам аз ҳотаи*
*гул,*
*Равону соф чун овози булбул.*
*Аҷаб нармӣ, аҷоиб беғуборӣ,*
*Чу шарми духтарони кӯҳсорӣ.*
*Бинӯшам об аз оби ҳаётат,*
*Барам то гӯшаи дунё сифотат.*

Баъд маросими мутантани супурдани ҷоиза аз рӯи номинатсияи «Деҳаи аз ҳама беҳтарини соли 2023»-и СҶТ-ро тамошо кардем. Дар ин маросим ноиби ҳокими вилояти Навоӣ, сардори Садорати туризм ва варзиши вилоят Саъдулло Мирзоев ва ҳокими ноҳияи Нурато Азамат Файзиев, инчунин намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ, соҳибкорони бахши сайёҳӣ, аҳолии деҳоти атроф иштирок карданд.



– Ин ҷо метавон дар як вақт ҳудуди чиҳил меҳмонро пазируфт. Аксарият донистан мехоҳанд, ки будубоши як шабонарӯзӣ чӣ қадар маблағ тақозо менамояд. Ҷойи пинҳон доштан нест, ки ҳар сайёҳ 25 доллари амрикоӣ ё муодули онро бо арзи миллӣ мепардозад. Се маҳал хӯрок, хидматҳои дигари лозима ройгонанд. Меҳмонҳо дар рӯйи катҳои боғамон низ метавонанд вақти худро бароҳат гузаронанд ва аз меваҳои он тановул кунанд. Ҳоло як гурӯҳ сайёҳони фаронсавӣ дар меҳмонхонаи мо ҷой гирифтаанд. Рӯзона, ба хотири баҳра бардоштан аз тамошои мӯъҷизаҳои деҳ, ба чаҳор тараф пароканда шудаанд,– мегӯяд Шодибой Бобоев.

Баъд саёҳати мо ба самти меҳмонхонаи оилавии соҳибкори дигар Дилмурод Зарифуллоев идома кард. Маълум шуд, ки ин нахустин меҳмонхона дар деҳаи Синтаб мебошад ва он дар гирифтани мукофоти «Деҳаи беҳтарини сайёҳӣ» саҳми арзанда гузоштааст.

Саъдулло Мирзоев аҳли деҳаро бо чунин дастовард самимона шодбош гуфт. Ба таъкиди ӯ ҷойи ифтихор аст, ки ин деҳа аз тарафи Созмони ҷаҳонии туризм қобили эътироф гардид ва шӯҳрати ноҳияи Нурато ва вилояти Навоиро дар олам машҳур кард.

Баъд дар фазои мутантан ҳайкалчаи рамзии Созмони ҷаҳонии туризм ба раиси ҷамоат Мурод Мирзоев тақдим гардид. Мардуми деҳ баробар аз ҷо хеста дуру дароз кафкӯбӣ карданд ва садои «Муборак бод»-ҳо аз ҳар тараф ба гӯш расида ин фазоро боз бештар ҷаззобият ато кард.

*Синтаб рӯду Ҳисори*
*боло дорад,*
*Девор зи сангу кӯҳу*
*шаххо дорад,*
*Ҳар санги навиштааш*
*бигӯяд бар мо,*
*Торихи дусад асру*
*замонҳо дорад.*

...гуфтааст шоири аслу насабаш синтабӣ Абдулло Субҳон.

Дар ин маросим ҳунарпешаҳои бахши вилоятии Филармонияи давлатӣ, шуъбаи вилоятии Маркази санъати миллии «Мақом» ва дастаҳои эҷодии шуъбаи фарҳанги ноҳия бо оҳангҳои дилнишин табъи иштирокчиёнро болида сохтанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**мухбирони «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# ТАМОЮЛИ «ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ» ДАР АМАЛ

***Дар таҳрири нави Қонуни Асосии мо, ки ба сифати Сарқонуни халқ эътироф шудааст, он ҳамчун тамоюли «Ўзбекистони Нав – давлати иҷтимоӣ» муайян гардидааст, ки беҳуда нест. Зеро дар пояи «давлати иҷтимоӣ» гояи «Гиромидошти қадри инсон» нуҳуфтааст ва он маънои кафолати ҳуқуқ ва озодии ҳар як шаҳрванд, манфиатҳои қонунии ӯ, баланд бардоштани сифати таълим ва хидмати тиббӣ, аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ намудани кӯдакон, занону духтарон, пирон ва ашхосе, ки ногиро мебошанд, таъмин сохтани ниёзмандон бо шуғл, хонаву ҷой, шароити бехавфи меҳнатро дорад.***

Бояд таъкид намуд, ки солҳои охир барои таъмин сохтани иҷрои вазифаҳои дар ҳуҷҷатҳои қонунӣ, дастурҳои иҷтимоӣ муайяншуда хароҷот нисбати маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 2 баробар афзуда, фарогирии оилаҳое, ки нафақа мегиранд, 5 баробар зиёд гардид. Имконияти бо дарназардошти эҳтиёҷи воқеии ҳар як шахси ниёзманд кумакрасонӣ ба вуҷуд омад ва дар ин самт низоми куллан наву хосе офарида шуд. Аз ҷумла «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» ташкил гардиданд, усулҳои кори «маҳаллабайъ» ва «хонадонбайъ» маҳз барои ин мақсадҳо ҷорӣ карда шуданд, мушкилот ва камбудиҳои занону духтарон, ҷавонон, умуман, онҳое, ки ба кумак ниёз доранд, дар ҷойҳо омӯхта, чораҳои саривақт ва самарабахш ҳаллу фасл кардани онҳо андешида мешаванд.

Равшан аст, ки ба пирону ниёзмандон, оилаҳои камтаъмин кумак кардану меҳру мурувват зоҳир намудан аз ҷумлаи ҳуввиятҳои ҷовидони халқамон ба шумор меравад ва имрӯз чунин саъю ҳаракатҳои нек мазмуну маънии нав пайдо карда, дар ин бобат кӯшишҳои амалӣ беш аз пеш мукаммалтар мешаванд. Бояд махсус эътироф намуд, ки барномаҳои «Панҷ ташаббуси муҳим», «Ҳар як оила – соҳибкор», «Маҳаллаи обод», «Ҷавонон – ояндаи мо», «Деҳаи обод» барои ин мақсадҳо хидмат мекунанд.

Тасбити ин фикрро метавон дар рақамҳои зерин мушоҳида кард: аз соли 2016 то соли 2022-юм маблағҳое, ки барои нафақаи иҷтимоӣ ҷудо карда мешаванд, 10 баробар зиёд гардида, ба 11 триллион сӯм расид. Дар натиҷаи ин миқдори оилаҳое, ки нафақаи иҷтимоӣ мегиранд, аз 2,1 миллион афзуд, ки ин 23,3 фоизи оилаҳои мамлакатро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин аз оғози соли 2021 аз тариқи реестери ягонаи Ҳифзи иҷтимоӣ низоми ба тарзи автоматикӣ таъин кардани чунин нафақаҳо ҷорӣ карда шуд. Ин дар навбати худ имконияти таъмин намудани шаффофиятро фароҳам овард. Дар нимсолаи аввали соли равон аз тариқи низоми мазкур ба шаҳрвандон 278,4 миллион сӯмина «маҷмӯи аввалини кумакҳои моддиву иҷтимоӣ» пардохта шуд. Аз ҷумла, аз тариқи ин низом ба бонувоне, ки дар сектори хусусӣ машғуланд, тартиби дар шакли проактив таъин кардан ва пардохтани нафақаҳои ҳомила ва таваллуд ба роҳ монда шуд.

Ба хусус, ба соҳаҳои таълим ва тиббиёт, ки хоси давлати иҷтимоӣ мебошад, эътибори алоҳида дода мешавад. Чунончи, бинобар мунтазам такмил додани низоми таълими муттасил ислоҳоти бемисл татбиқ гардиданд, дар натиҷа фарогирии таълими томактабӣ аз 27,7 ба 67 фоиз, дараҷаи фарогирии ҷавонон ба таълими олӣ бошад, аз 9 ба 38 фоиз расид. Маблағе, ки барои нигаҳдории тандурустӣ аз буҷа ҷудо мешавад, аз 7,3 триллион сӯм ба 24,7 триллион сӯм зиёд карда шуд.

Ба мақсади баланд бардоштани фаровонҳолии аҳолӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирии моддӣ бо дарназардошти дараҷаи муфлисшавии даромади онҳо миқдори нафақаҳо аз 1 апрели соли равон 7 фоиз зиёд карда шуд, миқдори нафақаи 4,4 миллион шаҳрванд аз нав ҳисобу китоб гардид. Барои дастгирии шахсони маъюб миқдори нафақаҳои камтарини ногироӣ ба 747,0 ҳазор сӯм расид, ки ин нисбати соли 2017-ум 5,1 баробар зиёд мебошад.

Баробари ин мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи чораҳои маҷмӯӣ бобати ба роҳ мондани низоми назорати самарабахши хидмати босифати иҷтимоӣ ва кумак ба аҳолӣ» Оҷонсии миллии ҳифзи иҷтимоӣ, дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд раёсатҳо, дар ноҳия (шаҳр)ҳо бошад, марказҳои хидмати иҷтимоии «Инсон» ташкил карда шуданд.

Оҷонсӣ барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва соҳаи хидматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ бахри коркарди сиёсати ягонаи давлатӣ ва ба амал татбиқ сохтани он муайян гардид. Баробари ин стратегияи аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз кардани аҳолии Ўзбекистон қабул шуд. Кори он аз таъминоти иҷтимоии аҳолии қобили меҳнат, зина ба зина ҷорӣ намудани низоми суғуртаи иҷтимоӣ, мустаҳкам кардани барномаҳои кумаки иҷтимоӣ, мунтазам такмил додани низоми таъинкунии кумаки иҷтимоӣ иборат мебошад.

Ин гуна рақамҳои оморо метавон зиёд зикр кард. Аз ҳама муҳимаш, дар Ўзбекистон, ки асоси ҳуқуқии бунёди давлати иҷтимоӣ фароҳам омадааст, меъёрҳои ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат тақрибан се баробар зиёд гардида, тамоюли «Ўзбекистони Нав – давлати иҷтимоӣ» амалан собит мегардад.

**Ҷамшед ҚОСИМОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, узви Кумитаи буҷа ва ислоҳоти иқтисодӣ.**

# ДАР САФИ БОНКҲОИ ПЕШБАРИ ДУНЁ

***Назар ба маълумоти Агентии статистика аз моҳи августи соли равон Ўзбекистон ба хориҷ фурӯхтани тиллоро боздошт.***

Вале Бонки марказии Ўзбекистон дар хариди тилло ё худ металлҳои қиматашон баланд дар сафи бонкҳои пешбари дунё ҷой гирифтааст.Чунончи, дар давоми чаҳоряки сеюми соли равон ин бонк ҷамъ 7 тонна металли гаронбаҳо харид кардааст.

Бо баробари Ўзбекистон дар сафи мамолике, ки захираи тиллои худро афзун мегардонанд, Чин, Полша, Туркия, Ҳиндустон, Чехия,Сингапур ва Русия ҷой гирифтаанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

Супоришоти Президент – дар амал



# ТАМОЮЛИ «ДУ ЗАБОН ВА ЯК КАСБ»

***Бо ташаббуси Сарвари давлат дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ низоми таълими ду забони хориҷӣ ва як касб ҷорӣ карда мешавад.***

Дар ин самт дар вилояти Бухоро корҳои самарабахш анҷом дода мешаванд. Он соли хониши гузашта оғоз шуда, ин система дар 9 мактаби шаҳри Бухоро, ноҳияҳои Ғиждувон ва Шофиркон ҷорӣ карда шуд. Барои ба роҳ мондани касбомӯзӣ барои муҷаҳҳазсозии технологии утоқҳои мактабҳои Бухоро 1,6 миллиард сӯм, мактабҳои ноҳияи Ғиждувон – 1 миллиарду 130 миллион сӯм, нохияи Шофиркон – 1 миллиарду 160 миллион сӯм ҷудо карда шуд. Ба ин мактабҳо ҳамагӣ 270 адад 45 намуди таҷҳизот дода шуданд.

Дар ҳар як ноҳия (шаҳр) барои таълими ду забони хориҷӣ ва як касб дар як вақт як мактаб (ҷамъ 13) интихоб карда шуд, ки онҳо дар асоси талаботи пешбинишуда муҷаҳҳаз шудаанд. Дар 20 муассисаи таълимии касбӣ барои касбомӯзии хонандагони мактабҳо шароит фароҳам оварда шудааст. Дар соли 2024 ба ин низом гузарондани 33 мактаби дигар дар вилоят ба нақша гирифта шудааст.

Корҳо оид ба таълими ду забони хориҷӣ ва як касб ба хонандагони мактабҳо дар асоси қарори муштараки Раёсати маорифи томактабӣ ва мактабии вилоят, Раёсати вилоятии Бунёди ҷумҳуриявии дастгирии фаъолияти иҷтимоии собиқадорони Ўзбекистон «Нуроний», Ассотсиатсияи «Ҳунарманд» ва шуъбаи вилоятии Агентии кор бо ҷавонон сурат мегирад.

– Дар доираи як қарори муштарак 26 мактаб интихоб карда шуд, – гуфт сардори раёсати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Фаррух Қурбонов. – Ба ин мактабҳо омӯзгорони пуртаҷриба вобаста карда шуда, корҳои таълими забону касбҳо ба роҳ монда шудааст.

Роҳбарони ташкилотҳои шарик ба мактабҳои рақами 10-уми ноҳияи Пешку ва рақами 8-уми ноҳияи Ғиждувон омаданд. Бо шароити фароҳам овардашуда, кори маҳфилҳо ва машғулиятҳои иловагӣ шинос шуданд. Ба масъулин ҷиҳати беҳтар намудани кор дар ин самт тавсияҳо дода шуданд.

Омӯзгороне, ки дар асоси тамоюли «Ду забон ва як касб» намунавӣ фаъолият нишон медиҳанд, аз ҷониби намояндагони шуъбаи вилоятии фонди «Нуроний» ҳавасманд гардонда шуданд.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Сурати ЎзА.**

# ТАРҶУМА – ФАРЗАНДИ МУҲАББАТ

**Суҳбат бо нависанда, шоир ва тарҷумон, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи ба номи Лоҳутӣ Сулаймон Эрматов**

**– Шуморо ҳамчун адиб ва шоири ӯзбекзабон нағз мешиносем. Дар оғоз мегуфтед, ки адабиёти тоҷик шуморо чӣ тавр ба худ мафтун кард? Огоҳ шудем, ки барои романи «Рӯзҳои гузашта»-и адиби машҳури ӯзбек Абдулло Қодириро аз асл тарҷума кардан миён бастаед. Чӣ гуна дар шумо хоҳиши ба тарҷума даст задани ин асари машҳур пайдо шуд?**

– Адабиёт чизи аҷиб аст. Асари хуб аз байн сад сол гузарад ҳам, мисли оҳанрабо касро ба худ кашидан мегирад. Барои ман «Рӯзҳои гузашта» аз ҷумлаи ҳамин гуна асарҳост. Шоираи рус Белла Аҳмадуллина: «Тарҷумонӣ – муҳаббати як инсон ба инсони дуюм аст» мегӯяд. Агар ба ин муҳаббат адабиёт низ илова шавад, китоби тарҷумашуда ба маънои ҳақиқӣ ба асари санъат табдил меёбад. Ман ҳамчун хонанда асарҳои аз забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ тарҷумашударо аз назар гузаронда меистам. Дар асоси мушоҳидаҳоям ба чунин хулоса омадам, ки ҷараёни намунаҳои адабиёти ӯзбекро аз аслият тарҷума кардан нисбат ба дигар забонҳо хубтар ба роҳ монда шудааст.

Абдулло Қодирӣ китоби «Рӯзҳои гузашта»-ро дар айни айёми ҷавонӣ, дар бисту панҷсолагияш навиштааст. Дар ин асар нависандаи ҷавон мушкилиҳои ҳиссиёти руҳӣ ва иҷтимоиро, ки бо изтиробҳои ҷавонӣ пардапӯш карда шудааст, ба қалам додааст.

Романи «Рӯзҳои гузашта»-и Абдулло Қодирӣ дар таърихи адабиёти Шарқ шуҳрати бемисл дошта, ягон асари адиби дигар то ҳанӯз ин қадар шуҳрат пайдо накардааст. Романро тарҷума мекардаму дар сарам як савол чарх мезад: «Дар назди Қодирии суханвар хиҷолат намешуда бошам? Оё лафзи ширини ин адиби хушқаламро ба забони тоҷикӣ, ки худи муаллиф ин забонро ба дараҷаи олӣ медонист, ифода карда метавонам ё не?»

**– Тарҷумаи асари бадеӣ ҳодисаи мураккаб аст. Мураккабӣ дар он аст, ки пеш аз ҳама тарҷумон мушоҳидаҳои муаллифи асар, ҳасрату азобҳою шодиҳои ӯро ба хонандаи нави ин асар фаҳмонда доданаш лозим. Ба ақидаи ман дар ин ҷо худи забонро донистан камӣ мекунад. Фарқиятҳои тарҷумони қаторӣ аз тарҷумони касбӣ, фарқияти муаллиф аз мутарҷим дар чист?**

– Тарҷумаи бадеӣ санъати баланд мебошад. Тарҷумон мисли нависанда эҷодкор аст. Ӯ шаклу мазмуни асари ба дигар забон навишташударо нигоҳ дошта, ба забони дигар аз нав эҳё мекунад. Фарқияти нависандаю тарҷумон дар он аст, ки нависанда озодтар аст: ӯ ба мавзӯи хостааш, ба услуби хостааш, калима ва ибораҳои хостаашро истифода бурда навиштан мегирад. Вале имкониятҳои мутарҷим маҳдуд аст. Ӯ аз мавзӯъ, ғоя, мақсад ва услуби муаллиф, аз хусусиятҳои забон берун баромада наметавонад, дар доираи ин имкониятҳо аз қонуниятҳои забони худ истифода бурда, асарро аз нав ба забони дигар менависад.

**– «Рӯзҳои гузашта» романи бузург, дар он муҳаббати бузург ба забон гирифта шудааст. Барои ин гуна асарро тарҷума кардан омодагии ба худ хосро гузаштан зарур аст. Ҳамин тавр не?**

– Дуруст, ман пеш аз ба нақша гирифтани тарҷумаи «Рӯзҳои гузашта» бо таъсири ин асар китоби публитсистии дуҷилдаи «Одоби оиладорӣ» ва дар мавзӯи муҳаббат қиссаи «Ишқномаи ҷавонон»-ро ба забони тоҷикӣ навиштам.

Чингиз Айтматов гуфтааст: «Тарҷума – фарзанди муҳаббат». Асари тарҷумашудаистодаро аз таҳти дил дӯст надошта ба тарҷума машғул шудан кори беҳуда аст. Хусусан намунаҳои асарҳои машҳурро тарҷума кардан масъулияти калон ва маҳорати баландро талаб мекунад.

**– Шумо медонед, ки «Рӯзҳои гузашта» пештар аз тарафи адиб Истад Қосимзода тарҷума шуда буд. Якчанд вариант тарҷума шудани асар барои адабиёт чӣ қадар фоидаовар аст?**

– Як асарро аз тарафи тарҷумонҳои гуногун ба як забон гирд овардан ҳодисаи мусбат буда, тарҷумаи нав зарурати ҳаёт ба шумор меравад. Дар ин ҳолат мутарҷимҳо аз якдигар таҷриба меомӯзанд, қувваи худашонро месанҷанд. Дар ҷараёни муқоисаи тарҷумаҳо нуқсон ва муваффақиятҳои ҳар як нусха равшан маълум шуда меистад. Тарҷумаи кӣ ба аслият наздику услуби адиб дар он дар маромаш аз нав барқарор шудааст ё не, дар тарҷумаи кӣ аз худ илова шудаасту фикри муаллифро дигар кардааст, маълум мешавад.

«Рӯзҳои гузашта»-ро се кас – М. Швердин, Л. Бат ва М. Сафаров ба забони русӣ тарҷума кардаанд. Се навъ тарҷума. Аз онҳо чӣ тавре ки тарҷумоншинос Тӯлқун Сайдалиев таъкид мекунад, тарҷумаи М. Сафаров ба аслият наздик аст.

Дар таърихи тарҷумаи ӯзбек низ ин хел мисолҳо ёфт мешавад. Масалан, асари безаволи «Гулистон»-и Шайх Саъдии Шерозиро дар асри XIV Сайфи Саройӣ, дар асри XIX Огаҳӣ , дар оғози асри XX Муродхоҷа домулло Солихоҷаев, дар миёни ҳамин аср Ғафур Ғулом, Рустам Комилов ва Шоислом Шомуҳаммедов тарҷума кардаанд. Бо фикри адабиётшиносон беҳтаринаш тарҷумаи Сайфи Саройӣ будааст.

Тарҷумаи бадеӣ пули зебоист, ки адабиёт ва дилҳоро ба якдигар мепайвандад.

Агар дар адабиёти тоҷик тарҷумонҳои боистеъдод бисёртар шаванду асарҳои беҳтарини на танҳо халқҳои бародар, балки ҷаҳониро низ тарҷума кунанд, нуран ало нур мешуд. Вале мо ҳоло ба ин дараҷа нарасидаем. Барои ин омӯхтани забонҳои русӣ, франсузӣ, англисӣ, хитоӣ ва ғайраро пурзӯр карданамон, сафи тарҷумонҳои бо нусхаи асл кор мекардаро зиёд намуданамон лозим меояд.

**– Имрӯз мо дар арафаи садсолагии нахустин нашри «Рӯзҳои гузашта» қарор дорем...**

– Сад сол аст , ки ин китоб миёни шефтагони каломи бадеъ даст ба даст мегардад. Абдулло Қодирӣ бо ин асари худ на танҳо дар ташаккул ва рушди насри таърихии ӯзбек, балки ба маҳорати эҷодии қаламкашони дигар халқҳо: тоҷику туркман, қазоқу қирғиз таъсир расондааст.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ гуфтааст: «Ман аз Абдулло Қодирӣ бофтани сюжет, тавассути он кушодани образро омӯхтам».

(Давомаш дар саҳ.4).

# ҶАЪФАР – ШОИРИ ЗУЛЛИСОНАЙН

***Моҳи октябр дар вилояти Сурхондарё як қатор тадбирҳои фарҳангӣ, маҳфилҳои адабии хотирмон баргузор гардид, ки бешак ба рушду такомули илму фарҳанг саҳм гузошта, ба аҳли илму адаб, донишомӯзони мактабҳои оливу миёна ғизои маънавӣ бахшид.***
***Ба наздикӣ дар бахши филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз маҳфили илмӣ-адабӣ бахшида ба 55-солагии шоири зуллисонайн, профессори Донишгоҳи давлатии ховаршиносии Тошканд, узви иттифоқҳои нависандагони Ўзбекистон ва Тоҷикистон Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ баргузор гардид.***

– Шоир ва олими мутасаввиф Ҷаъфар Муҳаммад ҳам дар шеърият ва ҳам дар илм падида ва кашфиётҳои нав ворид сохт, – гуфт сиёсатшинос Нарзулло Ҷӯраев. – Файласуфон имрӯз дар замони мо бисёранд, вале файласуфи кошиф хеле кам аст. Ман аминам, ки баъд аз садсолаҳо ҳам эҷодиёти илмиву адабии Ҷаъфар арзиши худро гум намекунад ва аз ҷониби муҳаққиқону донишомӯзон омӯхта мешавад.

Дар тадбир як гурӯҳ донишҷӯён аз шеърҳои тоҷикиву ӯзбекии шоир бо маҳорат қироат намуданд, ба ӯ суол дода ҷавоб гирифтанд.

Анҷумани шеъру сухан дар хонаи маданияти ноҳияи Бойсун идома ёфт. Аз саҳарии барвақт аз ҳар гӯшаву канори вилоят аҳли қалам ба дидорбинии шоир ва барои баҳрабардорӣ аз ашъори намакинаш гирд омада буданд. Аз мактабҳои тоҷикии ноҳия устодону шогирдон, мухлисони шеъри шоир, хешу табор ҷамъ гардида, ҳар яке хушнудии хешро аз созмони чунин як чорабинии фарҳангӣ аён месохтанд.

Саравал роҳи ҳаёт ва эҷодиёти шоир бо монологи ӯву тасвирҳо дар навор намоиш дода шуд.

Дар чорабинӣ хонандагони мактаби рақами 44-уми ноҳияи Бойсун, ки замоне худи шоир низ дар он ҷо таҳсил гирифтааст, ширкат варзида, аз ашъораш намунаҳо қироат карданд, ки аз ҷониби ҳозирин хуш пазируфта шуд. Суханронӣ ва шеърхонии донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз Миршакар Ризоев, ки худ аз хеши наздики шоир аст, хеле муассир буд ва аз ҷониби ҳозирин бо кафкӯбиҳо истиқбол гардид. Санъаткорон Тоҳирҷон Зокиров ва Хайруллоҳи Насриддин аз ашъори шоир сурудҳо хонданд.

Сипас, шоиру меҳмонон ҷониби ватани бобоии шоир – деҳаи Назариро пеш гирифтанд. Мавзеҳои Паданг, Дуоба, Гуматакро тай намуда, баъди ду соат, пас аз шом ба манзил расидем. Суҳбати гарму самимӣ то поси шаб давом кард. Пагоҳ сайругаштро дар гузарҳои Айлонгард (Ариянгирд), Туркмонтала, Чуқурак, Назарии Поён идома дода, ба аёдати чанд нафар мӯйсафедон рафта, дуоҳояшонро гирифтем.

Маълум буд, ки соҳибҷашн аз дидани ватани бобоӣ ва дидору суҳбати дӯстону наздикон хеле мамнун бошад ҳам, вале бо дили кашол поён бармегардад, охир ватану наздиконро тарк кардан корест мушкил. Ниҳоят, ба маркази ноҳия расидему меҳмонро ҷониби Тошканд гусел намудем. Лаҳзаҳои хайрбод ин мисраъҳои шоире тасаллои дили мо буд:

*Боз омадан зи рафтани*
*хуршед дур нест,*
*Гар зиндагист дида ба*
*дидор мерасад.*

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# САРОЯНДАИ СУРУДҲОИ МАРДУМӢ

***Ҳаводорони савту сурудҳои мардумии Бухоро сарояндаи хушадо, иҷрокунандаи сурудҳои лирикӣ, Ҳунарпешаи шоистаи Ўзбекистон Нишон Отамуродовро хуб медонанд. Чанд даҳсола аст, ки мухлисони таронаҳои тоҷикӣ ҳар як баромаду барномаи консертии ӯро интизор мешаванд. Аз оҳангу садои дилкаши ҳофиз ҳаловат мебаранд. Ҷонбахшу нотакрор, латифу мафтункор, соҳиру пурасрор будани забони модариамонро эҳсос мекунанд. Бе муҳобот, Нишон аз ҷумлаи булбулони хушхони чаманистони санъати Бухорост.***

### Нишони муҳаббати ноком

Аввали солҳои 50-уми асри гузашта тоҷикдухтари бухороӣ Тамараи нозанинро, ки техникуми тиббии Бухороро хатм карда буд, барои кор ба ноҳияи Шофиркон фиристоданд. Ӯ ҳамчун доя дар таваллудхонаи беморхонаи марказии ноҳия ба фаъолияти корӣ оғоз кард. Дере нагузашта бо ҷавони шофирконӣ – байтори вардонзеҳӣ Насим Отамуродов вохӯрда, асири эҳсосоти ғайриодӣ гашт. Мулоқотҳои дӯстона тадриҷан ба дили ду ҷавон оташи ишқ афрӯхт. Ҳамин тариқа тӯйи арӯсии онҳо баргузор шуд. Арӯсу домод зиндагии ширин доштанд. Ҳайҳот, ин рӯзҳо кашол наёфтанд. Ҳангоми иҷрои хидмати касбӣ Насим ба садама дучор шуда, чашм аз олами ҳастӣ пӯшид. Оҳу фиғони пурдарди Тамараи ноком интиҳо надошт. Охир, вай ҳомила буд. Дидори фарзандро надида рафтани шавҳар ба ӯ алам мекард. 7 сентябри соли 1956 нишонаи охирини рӯзгори пурнишот, самари ишқи беолоиш ва пайванди дили онҳо – фаррухписар ба дунё омад. Ба вай Нишон ном ниҳоданд. Вақте писарча яксола шуд, падари Тамара духтар ва набераро ба ҳавлиаш – ба шаҳри Бухоро овард.

### Роҳ сӯйи олами санъат

То ҳафтсола шудани Нишон Тамараапа роҳи хостгоронро сӯи хонааш баст. Ниҳоят вай ноилоҷ бо хоҳиши падар ба яке аз наздикони хонадон – Қосимбулбул Акбаров ба шавҳар баромад. Ронандаи таксӣ Қосимбулбулро бухориён ба сифати ҳофизи хушхон хуб медонистанд.

Нишон бо ин марди дарёдили хушгуфтор зуд унс гирифт. Ҳамроҳаш ба тӯю сур, театру маҷлисҳо мерафту аз овози форами падархондаш хушаш меомад. Вай тадриҷан дар пайравии «Булбул» ба хондан шурӯъ кард. Ҳамнишинӣ бо санъаткорони машҳури бухорӣ Ҳабибҷонқорӣ Неъматов, Алиризо, Исмоил Шароф, Раҳими Дангиз, Ҳайдари доирадаст, Маҳдӣ Ибодов ва шунидани сурудҳои тоҷикӣ аз онҳо дили Нишони наврасро ба ҷӯш меовард. Вай ҳангоми таҳсил дар мактаби миёна, илмомӯзӣ дар Донишкадаи давлатии педагогии Бухоро ҳамчун сарояндаи сурудҳои пурҷозибаи мардумӣ эътибори дастаҳои ҳунариеро, ки худ узви онҳо буд, меафзуд. Маҳорати ҳунарии вай дар дастаи созию овозии «Гулсарӣ»-и техникуми роҳҳои автомобилии Бухоро ва ҳангоми хидмати ҳарбӣ дар дастаи «Шоҳрӯд» сайқал ёфт.

### Шуҳрати ҷаҳонии «Гиёҳ»

Нишон Отамуродов мудири клуби беморхонаи рақами якуми вилоят таъин гардиду ба дастаи созию овозии эстрадии «Радост» асос гузошт. Соли 1980 халқи олам 1000-солагии фарзанди арҷманди Бухоро Абуалӣ ибни Синоро ҷашн гирифт. Ба ин муносибат дастаи ҳунарии шифокорон ба ҳурмати гиёҳҳои шифобахши Шайхурраис «Гиёҳ» ном гирифт. Зиёда аз чил суруди халқӣ аз қабили «Заҳрои ҳиротӣ», «Ай кабӯтар», «Гули сурх», «Себи Самарқанд», «Дар биёбон най навохтам», «Ба хоб дидам», «Ин қадар ноз накун», «Қурбони ду чашмат», «Шакли ту тасвир шуд», «Лайлохонум», «Наврӯз муборак», «Ақиқи лабатро дандон газам», «Садо кардам», «Гули ман», «Суманак», «Ӯсма мемонем» ва ғайра ба туфайлии «Гиёҳ» умри дубора дида, дар саҳнаҳои гуногуни олам танин андохтанд.

Ба шарофати дастаи «Гиёҳ» дар ҳаёти ӯ лаҳзаҳои зиёди фаромӯшнопазиру гуворо рух додаанд. Муҳимтарини онҳо соли 1985 иштирок дар фестивали «Тирамоҳи Киев» ва соҳиби ҷоиза гардидани Нишон, байни дастаҳои соҳаи тиб дар озмуни ҷумҳуриявӣ соҳиби ҷойи якум гардидани «Гиёҳ», ду сол пайиҳам лауреати фестивалҳои умумииттифоқии эҷодиёти халқӣ гардидани вай, соли 1990 соҳиби унвони дастаи халқӣ шудани «Гиёҳ», 3 декабри соли 1995 консерт дар ноҳияи Квинси шаҳри Ню-Йорк, соли 1990 иштироки даста дар симпозиуми байналхалқӣ дар Бухоро, баромад аз тариқи «оинаи нилгун»-и Тоҷикистон дар соли 1991, филм-консерти «Дастовез аз Бухорои Шариф» дар бораи «Гиёҳ» (дар рӯзҳои наврӯзӣ бо барномаи «Сайри гули сурх»-и тоҷик пахш гардидааст), баромади «Гиёҳ» аз тариқи телевизиони Ўзбекистон, соли 1992 иштирок дар фестивали байналхалқии шаҳри Алмаато «Садои Осиё» («Азия доуси») ва лауреати фестивал гардидани «Гиёҳ». Он гоҳ даста яке аз сурудҳои мардумии бухориёнро рӯҳбаландона бо маҳорати баланд иҷро карду гӯё мӯъҷиза рух дод: бисту се ҳазор нафар тамошобинони майдони «Медео» ба по хеста, чапакзанон бо як овоз «Бухоро!», «Бухоро!», «Бухоро!» гӯён хитоб карда, аз даста суруди нав мехост. Соли 1996 гулдастаи сурудҳои «Гиёҳ» бо диски лазерӣ дар ИМА, соли 1997 дар Фаронса, баъд дар Амстердам (Ҳуланд) дастраси ҳаваскорони савту суруд гардид. Боиси ифтихор аст, ки суруди «Гули сурх» дар Фаронса суруди беҳтарини сол дониста шуд.

Ҳаводорони санъати мамлакатҳои ИМА, Фаронса, Австрия, Олмон, Канада, Исроил, Эрон, шаҳрҳои Маскав, Санкт-Петербург, Киев, Ялта, Рига, Ашқобод, Душанбе, Минск, Тбилиси, Боку, Алмаато, Сочи ва ғайра тавассути «Гиёҳ» аз ҳунари мусиқӣ ва эҷодиёти даҳанакии мардуми Бухоро огоҳ гардидаанд. Филм-консертҳои «Себи сеҳрнок», «Симои пайғамбар», «Вохӯрӣ дар Осиёи Миёна» низ ба «Гиёҳ» дахл дорад.

Ба муносибати 20-солагии даста 26 августи соли 1999 Нишон Отамуродов сазовори унвони «Ҳунарпешаи шоистаи Ҷумҳурии Ўзбекистон» гардида буд.

(Давомаш дар саҳ.4).




# ТАРҶУМА – ФАРЗАНДИ МУҲАББАТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Романнависи барҷастаи адабиёти қазоқ Мухтор Авезов: «Дар давраи ибтидоии насри ўзбек Айнӣ эҷод мекард, ба солҳои бистум омада Абдулло Қодирӣ ба воя расид. Ман аз соли 1928 сар карда асарҳои ўро ба забони ўзбекӣ мехондам» гуфтааст. Адиби ҷаҳоншинохтаи қирғиз Чингиз Айтматов низ аҳамияти худшиносии миллии «Рўзҳои гузашта»-ро таъкид кардааст.

**– Ҳозир бо чӣ кор машғул ҳастед?**

– 25 январи соли 2024 90-солагии Нависандаи халқии Ўзбекистон Ўлмас Умарбеков ҷашн гирифта мешавад. Ба ин муносибат романи «Одам шудан душвор», қиссаи «Маҳбубаи дўстдоштаи ман» ва чандин ҳикояҳои ўро, ки аз 31 ҷузъи чопӣ иборат аст, ба забони тоҷикӣ гирд оварда, ба нашр омода сохтам. Инчунин, «Афсонаҳои танҳоӣ», «Соҳиби аспи сафед» ном қиссаву ҳикояҳои адиби хушсалиқа, шодравон Муаззама Аҳмадоваро ба хонандагони ўзбекзабон пешкаш карданиям.

**– Хоҳиш ва таманнои шумо ба рўзномаи «Овози тоҷик».**

– Ба мухлисони рўзнома бахти китобхонию ташнагии донишро таманно дорам. Касе, ки ба китоб меҳр мондааст, аз ў ҳеҷ гоҳ бадӣ намебарояд. Одами бисёр хонда бисёр медонад, пойи ба замин гузоштааш мустаҳкамтар мегардад.

Истиқлол барои мо имконияти ба майдони ҷаҳон ҳамчун субъекти мустақил баромаданро дод. Ин ҳам имконият, ҳам масъулият ва ҳам меҳнати эҷодии муттасил аст. Боварӣ дорам, ки тарҷумонҳои мо аз ин имкониятҳо истифода бурда дар соҳаи тарҷума қуллаҳои навро фатҳ мекунанд. Ба ин кори сермашаққат, вале бошараф, ки рўзномаи «Овози тоҷик» низ саҳми арзанда гузошта истодааст, муваффақият таманно дорам.

Мусоҳиб **Сайфиддин СУННАТӢ.**

*ш. Душанбе, ТОҶИКИСТОН.*

**Обуна – 2024**

# БА ҚАДРИ ХУД БИРАСЕМ...

Мақолаи хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд Зоҳир Ҳасанзода бо номи «Овози тоҷик» – ойинаи рўзгори мо»-ро («Овози тоҷик», 11 октябри соли 2023, №81) бо аҳли оила якҷо хондем. Аз бефарқӣ ва бетафовутии худ огоҳ шудем. Суханони адиби шинохта Солеҳи Саид Мурод хеле писанд омад. Дар ҳақиқат мардуми моро ба тўй бо тўёна рафтан одати хубест. «Соли оянда 100-солагии рўзномаи ҳамдилу ҳамнафаси мо – «Овози тоҷик». Биёед, ба ин санаи бузургу хотирмони рўзномаи маҳбубамон бо дастовези шоиста саҳмгузор бошем». Ин гуфтаҳои адиб ба мо таъсир карданд. Тасмим гирифтем, ки барои соли оянда ба «Овози тоҷик» обуна шавем. Ҳамзабононро даъват мекунем, ки дар ин маъракаи муҳим фаъол бошанд.

**Очил БОЗОРОВ,**
**нафақахўр аз вилояти Навоӣ.**

# САРОЯНДАИ СУРУДҲОИ МАРДУМӢ



...думӣ ҳоло дастаи ҳунарии «Мавригӣ» мебошад. Солҳои 2006-2016 ба Отамуродов лозим омад, ки ҳамчун роҳбари даста фаъолияти ҳунариро давом диҳад. Мавригихонони моҳир, шодравон Артисти хидматнишондодаи Ўзбекистон Ориф Атоев ва дигар устодони санъат пушту паноҳи дастаи ҳунарӣ буданд. Мутаассифона, он солҳо дар мамлакат падид омадани ҷараёни носолим – аз матни аслӣ (тоҷикӣ) рў тофта ба ҷойи он сурудани тарҷумаи матнҳо боиси аз ҷамоа рафтани баъзе овозхонон гардид. Аз ҷумла, Нишон низ.

(Аввалаш дар саҳ. 3).

## Забон – калиди дилҳо

*Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,*
*Омўхтани сад забонаш осон гардад.*

Шахсе, ки қадри худро намедонад, қадри дигаронро аз куҷо донад. «То худро нашиносӣ, худоро намешиносӣ» гуфтани мардум беҳуда нест. Хушбахтона, ин инсони худогоҳ қадру қимати хеш, забони модарию қавми худро хуб медонад. Вай мехоҳад, ки ҳамзабононаш низ хештаншинос бошанд. Аз ин рў, ў тасмим гирифтааст, ки баҳри тарғибу ташвиқи савту сурудҳои мардумии шаҳри кўҳнаи овозадораш, ки сарчашмаи меҳру вафо ва рафоқату одамгариҳост, як умр хидмат кунад.

– Бобоям Абдулаҳад Забеҳулло насиҳат карда буд, ки ба забонҳои гуногун суруд омўзам. Агар дар давра намояндаи миллати дигар бошад, бояд ба он забон низ суруд хонам, зеро ҳарчанд қавмҳо ҳархелаанд, онҳо чун инсон азизанд. Ба ин гуфтаҳо амал карда ҳамеша комёб мегардам.

## Нишон – роҳбари ансамбли «Мавригӣ»

Маълум аст, ки мавригихонӣ хоси мардуми Бухорост. Ин дурдонаи маънавӣ таърихи дурудароз дорад. Одатан таронаҳои «Бухороча»-ро занон иҷро кунанд, мавригихониро мардон иҷро мекунанд. Имрўз ин анъана халалдор гашта, бонувон низ мавригихон шудаанд. Аслан тарғибкунандаи ин ҳунари зебои мар...

## Дар хона-музейи санъаткор

Аввалин мақолаи муаллифи ин сатрҳо дар бораи Н. Отамуродов дар «Овози тоҷик» соли 2004 – қариб бист сол қабл зери номи «Нишони Бухорои Шариф» чоп шуда буд. Боиси хурсандист, ки ин мақола дар қатори дигар матолиби интихобшуда аз «Овози тоҷик» дар доираи равобити муштараки ду рўзнома дар шумораи махсуси рўзномаи «Садои мардум»-и Тоҷикистон низ чоп шудааст.

Солҳо мегузаштанд, бо Нишон Отамуродов гоҳ-гоҳ дар чорабиниҳои шаҳр рў ба рў меомадем. Вай пурташвиш менамуд ва бобати сохтани Хона-музейи савту сурудҳои Бухоро» давутоз мекард. Чанде пеш ба ҳавлиаш рафтам. Хона-музейро омодаи кор дида, хурсанд шудам. Аён буд, ки санъаткор барои сохтан, пардозу ҷобаҷогузории нигораҳо, ҷамъоварии матолиби зарурӣ хеле заҳмат кашидааст. Бо тартиб ва дар ҷойи худ гузошта шудани ҷиҳозҳо диққати ҳар бинандаро беихтиёр сўйи худ мекашад. Музейро суратҳо, нигораҳо аз қабили «Устодони «Шашмақоми Бухоро», мавригисароёни машҳур, дастаҳои ҳунарӣ-фолклории «Нозанин», суханони Мустафо Бафоев, асарҳои олимон, санъаткорон дар бораи савту сурудҳои Бухоро, муаллифи матни сурудҳои Н. Отамуродов Иброҳим Қосимӣ ва ғайра зеб додаанд. Ҳар ҷо бо тартиб гузошта шудани асбобҳои мусиқӣ ҳусне ба осорхона афзудааст.

Баъди ҳолпурсӣ хостам донам, ки ҳунарпеша бо чӣ ниятҳои неку наҷиб умр ба сар мебарад.

– Ният дорам, ки корҳои мо идома ёбад. Мероси гаронбаҳо ва нотакрор – савту сурудҳои мардумии бухориён ба насли оянда интиқол гардад. Бо ин мақсад қариб ҳар рўз хона-музейи мо серодам аст. Санъаткорони зиёди солхўрдаю ҷавон ин ҷо ҷамъ мешаванд ва мо суҳбату чорабиниҳо мегузаронем, роликҳои гуногун таҳия намуда, барномаҳои консертӣ омода месозем. Саҳнае, ки дар рў ба рўйи дарвоза дида будед, ба ин мақсад хидмат мекунад.

Ташкил кардани ансамбли фолклорӣ-этнографие, ки тарғибкунандаи савту сурудҳои мардумии Бухорои Шариф мисли «Гиёҳ» бошад, фикру зикри ҳамаи моро банд кардааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*



# ВОПАСИН ЛАҲЗАҲОИ ҲАЁТИ ЛЕВ ТОЛСТОЙ

Лев Толстой дар хотироти худ навиштааст, ки сарф кардани пулро бисёр дўст медорад. Ин хотира ба замоне, ки ў дар Қафқоз хидмат мекард ва ёддоштҳои хешро сабт менамуд, марбут буда, соли 1851 дар дафтар қайд шудааст. Вай чунин навишта буд: «Ҷамъ кардани пулро на, балки сарф намудани онро дўст медорам». Ин ҳамон давраи ҷавонию бепарвоияшро инъикос карда, тамоюли ўро ба қиморбозӣ ва дигар бозиҳои беҳуда нишон медиҳад. Хушбахтона, бо гузашти айём муносибати Толстой ба пул тағйир ёфт. Ў ба ҳайси соҳиби амлоки худ, ки дар ҳудуди он ҳазорон барзгару кишоварз истиқомат ва кору зиндагӣ мекарданд, ба як шахси масъулиятпазир ва эҳтиёткор мубаддал гардид. Бар замми ин, вай ҳамчун як адиби машҳур шуҳрат пайдо карда, барои асарҳои худ хазинаҳои ҳангуфт мегирифт. Мустақиман худ ба пул ниёзе надошт, вале маблағи зиёдро барои хароҷоти оилаи бузурги хеш, корҳои хайрия ва татбиқи нақшаҳои иҷтимоияш сарф мекард.

Дар ниҳояти умри хеш Лев Толстой аз ҷоизаи Нобел дар соҳаи адабиёт, ки дар соли 1906 ба ў пешниҳод гардида буд, даст кашид. Ў чунин меҳисобид, ки пул сарчашмаи разолат аст ва ҳеч гоҳ хушбахтӣ намеорад. Ҳамчунин намехост тавассути маъмурияти расмии илмӣ, ки мувофиқи андешаи вай ин ниҳод аз мардум ва ниёзҳои оммаи халқ дур буд, шинохта шавад. Толстой чунин навишта буд: «Аввалан, ин вазъ маро аз заҳмати вазнини муроқибат аз ин пулҳо, ки чун пулҳои дигар, ба андешаи ман, оқибати ногувор фароҳам меоранд, озод мекунад. Сониян, ин сарчашмаи ифтихору саодати бузурги ман аст, ки як тоифа афроди бароям ношинос, вале хеле мавриди эҳтиром, бароям изҳори ҳамдардӣ намуданд».

Инак, чанд нуктаи қавлро аз Лев Толстой бароятон пешкаш мекунем:

«Пул завлонаи нави ғуломӣ аст, ки натанҳо дасту пойҳои инсон, балки ақлу қалби ўро низ мебандад».

«Сарват як чизи ғайриодиест, ки инсон наметавонад аз он зиёд дошта бошад, зеро сарвати зиёд инсонро бадбахт месозад».

«Нодорӣ на, балки ҳарисӣ ва иштиёқ ба сарват қабоҳат аст».

«Азимтарин тасаввури нодуруст ва сарчашмаи ҳама бадбахтиҳо дар олам ин аст, ки ҳама мардумон пулро василаи таъмини осоиштагии худ медонанд».

Дар интиҳои умри хеш Лев Толстой ба як ҳолати равонӣ (катарсис) дучор гашта, ҳамчун як оворагард хонаю манзили худро барои ҳамеша тарк гуфт. Дар шаби 27 ва 28-уми моҳи октябри соли 1910 ин воқеа иттифоқ афтод, ки ў ҳамроҳ бо табиби хос ва дўсташ Душан Маковитский ба таври пинҳонӣ амлоки худро, ки бо унвони Ясная Поляна машҳур аст, тарк намуд. Вай мехост аз ҳамсараш София Андреевна, ки бо ў дар мавриди дидгоҳҳои маънавӣ, меросхат ва муносибаташ ба пул ихтилофи назар дошт, дар макону мавқеи дуртар қарор дошта бошад.

Лев Толстой мухолифи моликияти хусусӣ ва сарват буд. Ў чунин меҳисобид, ки пул ҳеч гоҳ хушбахтӣ намеорад ва фақат ранҷу ноадолатӣ эҷод мекунад. Вай мехост аз ҳуқуқи худ ба осораш даст кашида, онро пурра ба мардум бубахшад. Ҳамчунин хоҳиш дошт, ки ҳама амволи хешро ба фақирон ва ниёзмандон бидиҳад. Толстой дар ин бора дар дафтари хотироти хеш чунин сабт кардааст: «Намехоҳам сарватманд бимонам, мехоҳам фақир бошам».

Ин ихтилофоти назар дар оилаи Толстой даргириҳо ва ҷанҷолҳои зиёдеро ба бор оварданд. София Андреевна аз ҳасодату бадгумонӣ ва фурўпошии аъсоб ранҷ мебурд. Ў Толстойро дар хиёнату беақлӣ муттаҳам мекард. Ҳатто якчанд бор кўшиш карда буд, ки худкушӣ кунад. Лев Толстой ин ҳама фишорро таҳаммул карда натавонист ва ба қароре омад, ки ҳамсарашро тарк намояд. Ў ба ҳамсараш вопасин номаро навишта, дар он қарори ниҳоии худро зикр кард: «Ман он амалеро анҷом медиҳам, ки одамон дар даврони пиронсолӣ анҷом медиҳанд, яъне ман гўшаи танҳоӣ — узлатро ихтиёр мекунам. Рафтани ман на ба ин далел аст, ки аз ту хушам намеояд, балки ба ин далел аст, ки туро дўст медорам». Дар идома чунин сабт шудааст: «Дар боби пул наяндеш, ки он модари бадбахтиҳост».

Лев Толстой дақиқан намедонист, ки ба куҷо биравад. Ҳангоми сафар дар мавзеъҳои мухталифе қарор гирифт, ки дар он ҷойҳо мухлисон ва ҳаводорони адиб ўро бо хушнудӣ истиқбол намуданд. Ҳамсар ва пайвандони адиб кўшиш ба харҷ доданд, ки ўро пайдо ва мутақоид намоянд, то ба хона баргардад. Дар ниҳоят, ў ба истгоҳи Астапово расид, ки дар он ҷо ба бемории илтиҳоби шуш (пневмония) дучор гашт. Дар ҳамин мавзеъ, дар ҳуҷраи сардори истгоҳ 7 ноябри соли 1910 дар иҳотаи дўстон, фарзандон ва ҳамсари худ, ки дар вопасин лаҳзаи ҳаёт ба наздаш расида буданд, ҷаҳони фониро падруд гуфт. Тарки манзил намудани ўро, натанҳо иқдом аз ноумедӣ шуморид, балки василаи эътироз алайҳи кизбу хушунати дар ҷомеа ҳукмфармо низ донист. Вай мехост исбот намояд, ки пул ҳеҷ гоҳ муҳаббат ва маънавиятро иваз намекунад.

Тарҷумаи **Ҷ. МАРДОНЗОДА.**

**Ба муносибати Рўзи милоди шоир**

***Фарзонаи ХУҶАНДӢ,***
***Шоири халқии Тоҷикистон***

## ДУ ҒАЗАЛ

*Дўст, сарҷамъ бимониву парешон нашавӣ,*
*Нав ба нав шаъшаарез оиву пинҳон нашавӣ.*
*Эй азизе, ки ба нав кардани мо омадаӣ,*
*Кош, аз омадани хеш пушаймон нашавӣ.*
*Пурсам аз ишқ ту омада ё н-омадаӣ,*
*Кош, афсонаи хуш бошиву поён нашавӣ.*
*Халқ гўяд: Маҳаки санҷиши инсон сахтист,*
*«То мусофир нашавӣ, ҳеч мусалмон нашавӣ».*
*Давлату шуҳрату мансаб — ҳамаро дарёбӣ,*
*Эй зиҳӣ он, ки ҳама ёбиву вайрон нашавӣ.*
*Ту наёбӣ фар аз анворгаҳи болоӣ,*
*Ҷон канӣ баҳри дурахшидану тобон нашавӣ.*
*То ба сад ҷон накашӣ бори ғаму шодии халқ,*
*Лоиқи мартабаи олии Инсон нашавӣ.*

***

*Кӣ сомон ёфт, то мову ту ёбем,*
*Кӣ даврон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Касе ҳам ромишу оромишеро,*
*Зи тўфон ёфт, то мову ту ёбем?!*
*Саодатро, ки анқоест дар Қоф,*
*Кӣ осон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Кӣ шодиро чу хуршеди зимистон,*
*Фаровон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Дар ин дўзахбиҳишти барзахамсол,*
*Кӣ ризвон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Муҳаббатро, ки нархаш осмонист,*
*Кӣ арзон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Ба сад ҷон ҷусту бар ҷонаш муносиб.*
*Кӣ ҷонон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Зи дарди будану дарди набудан,*
*Кӣ дармон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Ба сад ҷустан чу Шайхи Пири Балхӣ,*
*Ки Инсон ёфт, то мову ту ёбем.*
*Барои ҷовидон хушбахт будан,*
*Кӣ имкон ёфт, то мову ту ёбем.*

**Санҷиши қалам**

## ДАРХОСТ

*Чун бод биёву зулфи ман шона бикун,*
*Мон манзили худ, бар дили ман хона бикун.*
*Гў қисса чу Шаҳризод баҳри дили ман,*
*Ҳар буду набуди ишқам афсона бикун.*
*Наздик ба ҳам намой ҳар дурии мо,*
*Ҳар шодисиришки дида дурдона бикун.*
*Бинмо ба дили худ ошно ҳастии ман,*
*Бегона ба худ ин дили девона бикун.*

***Шаҳзода ВАҲҲОБОВА,***
***хонандаи мактаби рақами 42-юми ноҳияи Оқдарёи вилояти Самарқанд.***

***Қўчқор НОРҚОБИЛ***

# СУХАНРЕЗАҲО

### Қадр

Саг се рўз аст, ки дар сари қабри соҳибаш менолад, фарзандон бошанд, дар хона мероси падар талош мекунанд.

### Хурсандӣ

Ҳар гоҳе, ки набера худро ба сўйи бобо меафканд, ў аз сари нав рўйидани дасти дар ҷанг гумкардаашро эҳсос мекард.

### Дуои бад

Пойафзори тоқе, ки дар тоқчаи дўкон меистод, пойи дар ҷанг гумкардаи сарбозро дуои бад мекард.

### Катиба

Дар қабри сарбоз: Ман навиштаҷоти «Ман пеш аз падарам мурда будам»-ро хондам.

### Сиёсат

Тўп ба гулдастае, ки дар даҳонаш буд, мафтун шуд.
Аммо... Тўп тир дошт...

### Дард

Ҷанговар баъди якчанд сол назди духтур рафта дархост намуд, ки ўро аз ҳофизааш маҳрум кунад.

### Қонуният

«Бо забони набард» гўем, «генералҳои оянда» – устодони касбу кори худ ҳалок гардиданд. Генералҳои ҳақиқӣ бошад, мисли ҳамеша дар паноҳгоҳ, дар штаб буданд...

Аз забони ўзбекӣ тарҷумаи **Раҳимшоҳ ШАРИФЗОДА.**

**ҲИКОЯҲОИ ХУРДИ ТАМСИЛӢ**

## ФАРИШТА

Тифл пеш аз ба дунё омаданаш аз Офаридгор пурсид:

– Ман намедонам чаро ба ин дунё меоям. Ман бояд чӣ кор кунам?

Офаридгор ҷавоб дод:

– Ман ба ту фариштае ҳадя мекунам, ки ҳама вақт ҳамроҳи ту мешавад ва ҳама чизро ба ту мефаҳмонад.

– Ман забони ўро намедонам, чӣ тавр бо ў гап мезанам?

– Фаришта ба ту забони худашро меомўзад ва туро аз ҳама бадиҳо нигоҳ медорад.

– Чӣ хел ва кай ман ба назди шумо меоям?

– Фариштаат ба ту ҳамаашро мефаҳмонад.

– Фариштаи ман чӣ ном дорад?

– Номаш муҳим нест, ў номҳои зиёд дорад. Ту ўро «Модар» мегўйӣ.

## ДОНАИ ҒАЛЛА

Донаи ғалларо ба замин партофтанд.

– Шумо бо ман чӣ кор карда истодаед? Чаро маро ба торикӣ мепартоед, боз бо хок гўр мекунед?! – садо баланд кард ў.

– Ҳамин хел кардан даркор, – ба вай ҷавоб дод одам.

– Охир ман зиндагӣ кардан мехоҳам!

– Ту намемурӣ. Баръакс, боз бо шаъну шарафи бештар зинда мегардӣ. Ва боз бештар аз бахти худ хурсанд мешавӣ!

– Оё ҳамин хел ҳам мешавад?

– Э-ҳе, боз чӣ хел! Охир ман соли аввал туро намекорам!

Одам кори худро тамом кард. Барои дамгирӣ дар воти замин нишаст.

Аввал ба замин, баъд ба осмон нигарист.

Ва... ногаҳ бори аввал дар бораи худ фикр кард...

Аз забони русӣ тарҷумаи **Бахтиёри ҶУМЪА.**

Аҳли «Овози тоҷик» ба корманди собиқи рўзнома Ҳалима Бобоқулова нисбати вафоти шавҳараш **Равшан БОБОҚУЛОВ** ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1125.
Адади нашр 4563. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.20

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83;
Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.